# 21645 - Ҳукми тавофи видоъ барои шахси нотавон ва зани ҳайзшуда

## савол

Оё тавофи видоъ барои зани ҳайзшуда, зани нифосшуда, нотавон ва бемор воҷиб аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Тавофи видоъ барои зани ҳайзшуда ва нифосшуда воҷиб нест, аммо шахси нотавонро бардошта (ва ё ба чизе савор карда) тавоф мекунонанд ва ҳамчунин бемор, чунки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Ҳеҷ яке аз шумо (аз Макка) берун нашавад, магар ин ки охирин амалаш тавофи хонаи Каъба бошад».**

Ҳамчунин дар "Саҳиҳайн" (Саҳиҳи Бухорӣ ва Саҳиҳи Муслим) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) омадааст: **«Ба мардум амр шудааст, ки охирин амалашон (дар ҳаҷ) тавофи хонаи Каъба бошад, магар зани ҳайзшуда, ки барои ӯ сабукӣ дода шудааст».**

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки зани нифосшуда монанди зани ҳайзшуда аст, ки тавофи видоъ бар ӯ воҷиб намебошад.